«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ д.и.т., профессор
________________ Ғаффорӣ Н.У.
«02» ________01 соли 2021

# ТАҚРИЗИ

муассисаи тақриздиҳанда, ба диссертатсияи илмии Саидова Ҳисния Маҳмадулоевна дар мавзӯи «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқдисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.01 - назарияи иқтисодӣ пешниҳод шудааст.

## 1. Муҳимияти мавзӯи тадқиқоти диссертатсионӣ

Тадқиқоти диссертатсионии Саидова Ҳисния Маҳмадулоевна дар мавзӯи «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ», мутобиқ ба талаботи дурнамои рушди ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии Тоҷикистон анҷом дода шудааст. Чунки дар шароити муосир масъалаи рушди соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ аҳамияти махсусро касб менамояд, зеро ислоҳоти гузаронидашудаи соҳаи иҷтимоӣ дар бештари мавридҳо имконияти гузариш ба рушди устувори иқтисодии мамлакатро муайян менамояд. Ислоҳоти соҳаҳои иҷтимоӣ дар тамоми давлатҳо ба манфиати аҳолӣ буда, бевосита ба сатҳи некуаҳволии моддӣ, истеъмол, дарозумрӣ, тарзу сифати ҳаёт ва фаъолнокии меҳнатию иҷтимоии аҳолӣ таъсир мерасонанд. Чунин ислоҳот ногузир сабаби бартарият пайдо кардани вазифаҳои тамоюли иҷтимоидошта дар шароити трансформатсияи муносибатҳои ҷамъиятӣ мегардад ва соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ ҳамчун кафолати болоравии некӯаҳволии ҷамъиятӣ, рушди захираҳои инсонӣ ва низоми иқтисодиёти миллӣ дониста мешавад. Соҳаи иҷтимоӣ ба сифати механизми асосии такрористеҳсоли сармояи инсонӣ баромад мекунад ва ба сифати омили асосии рушди иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, дар шароити муосир омӯзиши масъалаи рушди хизматрасониҳои соҳаҳои иҷтимоӣ на танҳо мубрам, балки масъалаи аввалиндараҷа дар шароити иқтисоди бозорӣ ба ҳисоб меравад.

Дар шароити иқтисодиёти бозорӣ тағйироти ҷиддии бо муносибатҳои моликиятдорӣ ва нақши давлат дар идоракунӣ ва маблағгузорӣ алоқамандбуда, такмилдиҳии вазифаҳои соҳаҳои алоҳидаи иқтисод ба вуҷуд меоянд. Бештари ин тағйиротҳо дар соҳаҳои иҷтимоӣ амалӣ мегарданд, ки дар ҳаёти инсон нақши муҳимро иҷро менамоянд. Бо дарназардошти қонеъ нагардидани талаботи аҳолӣ ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ, бахусус ба сифати хизматрасониҳо зарурияти тавсеа ва рушди хизматрасониҳои соҳаҳои иҷтимоӣ ба миён меояд. Дар шароити иқтисодиёти бозорӣ дар назди дилхоҳ давлат мушкилоти иҷтимоӣ ҷой дорад, аммо сабабҳои онҳо ва шакли зуҳуроти онҳо гуногун мебошад. Мушкилоти иҷтимоӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз ислоҳоти гузаронида дар ин соҳа ҷой доранд, дар нокифоя ва нисбатан паст будани сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ зоҳир

мегардад. Дар заминаи воқеияти кишвар ин масъала хеле муҳим арзёбӣ мегардад, чунки ҳал намудани масъалаҳои ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба паст шудани шиддати иҷтимоӣ дар ҷомеа меоварад ва барои таъмини сатҳи муносиби зиндагӣ ба аҳолӣ мусоидат мекунад.

Дар раванди ташаккулёбии иқтисоди бозорӣ ва амалигардонии стратегияҳо ва барномаҳои давлатии рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ корҳои муайян ҷиҳати дастрасӣ ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва таъмини босифати он ба анҷом расонида шудаанд. Аммо дар баробари ин пайваста баланд бардоштани сатҳ ва сифати ҳаёти аҳолии кишвар дар мадди аввал масъалаи ба вуҷуд овардани шароити мусоидаткунандаро барои зиндагии инсон тақозо мекунад, ки дар навбати худ аз гузаронидани ислоҳот ва дар ин замина баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо дар соҳаҳои тандурустӣ ва низоми маориф ва дигар хизматрасониҳои иҷтимоӣ вобастагӣ дорад. Ҳалли ин масъалаҳо бе ҷустуҷӯ, коркард ва татбиқи ҷанбаҳои нави ташкилию иқтисодии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити муосири рушди иқтисодиёти бозорӣ имконнопазир мебошад, ки интихоби мавзуъи мазкур омӯзиши назариявӣ, таҳқиқи амалии онро муайян ва асоснок менамояд.

Ҳамин тавр, мубрамияти масъалаи коркарди ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ ба андешаи мо муҳим буда, боиси интихоби мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ гардид.

## 2. Дараҷаи асоснокии гузоришҳои илмӣ, хулосаву пешниҳодҳо, ки дар диссертатсия омадаанд.

Дар раванди ҳалли илмии масъалаҳои гузошташуда равишҳои методологӣ ва методии пажӯҳиш, ки муаллиф интихобу истифода намудааст, имконият додааст, ки натиҷаҳои судманди илмӣ дар самти таъмини ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ ва коркарди пешниҳодҳои илмиву амалӣ дар ҷодаи такмили усул ва механизмҳои баланд бардоштани сатҳ ва сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ рӯи кор омадааст.

Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия омада ва сатҳи илмияти онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони иқтисодии ватанию хориҷиро дар соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ эҷодкорона истифода бурдааст.

Дар раванди тадқиқоти диссертатсионӣ усулҳои иқтисодии таҳлил васеъ истифода шудаанд, махсусан: таҳлилӣ, иқтисодӣ-оморӣ, муқоисавӣ, индуксия ва дедуксия, инчунин усулҳои эконометрикӣ, таҳлил ва синтез, истифода шудааст.

Заминаи иттилоотии тадқиқоти илмиро санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавсияҳои муассисаҳои илмии ҷумҳурӣ дар самти рушди соҳаи тандурусти ва маориф дар низоми таҳсилоти олии касбии мамлакат маводҳои чопии даврагии иқтисодӣ ва ВАО, маводҳои

конференсияҳо, маводҳои таҳлилӣ ва тадқиқотӣ, захираҳои иттилоотии шабакаи «Internet» ташкил додаанд.

Шиносоӣ бо кор нишон медиҳад, ки муаллиф хеле моҳирона бо адабиёҳои илмӣ доир ба мавзӯи тадқиқот кор кардааст, мустақилона далелҳои омориро вобаста бо мақсади тадқиқот ҷамъ оварда, коркард ва таҳлил намудааст.

3. **Саҳеҳӣ ва навгонии тадқиқот ва натиҷаҳои гирифташуда.**

Ба назари мо элементҳои навгонии тадқиқоти диссертатсионӣ, ки муаммоҳои илмии аз тарафи муаллиф гузошташударо хеле саҳеҳ тавсия медиҳад, чунинанд:

– дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ, тавзеҳи муаллифии мафҳуми хизматрасонии иҷтимоӣ пешниҳод карда шуда, алоқамандии он бо маблағгузории сармояи инсонӣ ошкор карда шуд, нақши соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар мукаммалгардонии раванди ташаккулёбии сармояи инсонӣ ва муҳиммияти он барои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҷамъият муайян карда шуд;

– таъсири чораҳои ба самти танзими тақозо ва арзаи хизматҳои тиббӣ нигаронидашуда дар ҳолати гузаронидани ислоҳоти соҳаи тандурустӣ омӯхта шуда, хусусиятҳои рушди хизматрасонии тандурустӣ муайян карда шуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин хизматҳо асосан хизматҳои статсионарӣ буда, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ нишон дода шудааст, ки хизматрасониҳои амбулаторӣ метавонанд барои кам гардидани хизматрасониҳои статсионарӣ мусоидат расонанд;

– мушкилоти хизматрасониҳои соҳаи маорифи таҳсилоти олии касбӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ муайян карда шуд, ки бештар дар паст будани сифати хизматрасонӣ, вобаста ба талаботи бозори меҳнат тайёр накардани кадрҳо, номувофиқ будани омодасозии кадрӣ ва тақозо ба кадрҳо аён мегардад;

– хусусиятҳои рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ ошкор карда шуда, муайян карда шудааст, ки барномаи кафолати давлатӣ ҳуҷҷати муҳим барои рушди соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ, дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла хизматрасониҳои тиббӣ мебошад ва чандирии тақозо ва арзаи хизматрасониҳои тиббӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ муайян карда шудааст;

– самтҳоиояндаи рушди хизматрасониҳои тандурустӣ ҳамчун стандарти минималии иҷтимоии тандурустӣ ва чораҳо барои баландбардории самаранокии хизматрасониҳои тиббии аввалия ба воситаи афзоиши тақозои аҳолӣ ба он пешниҳод карда шуда, муайян карда шуд, ки хизматрасониҳои иҷтимоӣ барои беҳтарсозии сатҳи зиндагии аҳолӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии мардум таъсири мусбӣ мерасонанд;

– роҳҳои мукаммалгардонии самаранокии соҳаи хизматрасонии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод карда шуд, ки: устувор гардонидани раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ; мутобиқнамоии барномаҳои таълимӣ ба стандартҳои ҷаҳонии таҳсилот

воридшавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба бозори ҷаҳонии хизматрасониҳои таҳсилотиро дар бар мегирад.

Дар сарсухани диссертатсия муҳиммияти мавзӯъ, сатҳи коркарди он, ҳадаф ва вазифаҳо, гипотезаи диссертатсия ва ғ. муаяйн карда шудааст.

Дар боби якум – **«Асосҳои назариявии таҳқиқоти соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ»** таҳаввулоти назарияи хизматрасонӣ дар шароити дигаргуншавии муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ; муайян намудани хизматрасонии иҷтимоӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ ва нақши он дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҷамъият баён гардидааст.

Дар ин боби диссертатсия таҳввулоти назарияи хизматрасонӣ дар шароити дигаргуншавии муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, хизматрасонии иҷтимои ҳамчун категорияи иқтисодӣ, нақши соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар диссертатсия муаллиф феҳристи муаррифии баъзе аз муаллифонро доир ба моҳият ва намудҳои хизматрасониҳои иҷтимоӣ нишон додааст. Шарҳи мафҳуми хизматрасониҳои иҷтимоиро дар адабиёти иқтисодӣ овардашударо ҷамъбаст намуда, ба хулоса омадааст, ки хизматрасониҳои иҷтимоӣ, маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ оид ба расонидани хизматҳои аз нигоҳи иҷтимоӣ зарур, аз ҷумла соҳаи маориф ва тандурустӣ мебошад, ки барои рушди ҷамъият мусоидат менамояд. Ин хизматҳо асосан барои аҳолӣ аз ҷониби муассисаҳои давлатӣ ва хусусӣ расонида мешаванд. Дар шароити муосир, дар баробари афзоиш ёфтани тақозо ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар қатори муассисаҳои хизматрасонандаи давлатӣ, муассисаҳои хизматрасонии хусусӣ низ афзоиш ёфта истодаанд, ки рақобатро байни муассисаҳои давлатӣ ва хусусӣ ба миён меоранд. Аҳолӣ низ дар навбати худ имкон пайдо менамояд, ки аз хизматрасониҳои сифатноки тиббӣ ва маорифи таҳсилоти олии касбӣ васеъ истифода барад. хизматрасониҳои иҷтимоӣ яке аз самтҳои афзалиятноки хоҷагидорӣ дар шароити муосир мебошанд, зеро ин хизматҳо барои баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ мусоидат менамоянд. Хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва соҳаҳои асосии ифодакунандаи он, яъне маориф ва тандурустӣ, фарҳанг хизматҳоеро ба аҳолӣ пешниҳод менамоянд, ки аҳолӣ бе истифодабарии онҳо дар шароити муосир фаъолият намуда наметавонанд. (саҳ. 15-29).

Дар диссертатсия омадааст, ки соҳаи хизматрасонии иҷтимоиро ҳамчун соҳаи бозтавлиди сармояи инсонии барои афзоиши самаранокии истеҳсолоти ҷамъиятӣ шароит фароҳамоваранда муайян намудан мумкин аст.

Соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар худ маҷмӯи намудҳои гуногуни фаъолият, вазифаҳо ва шаклҳои ташкилии фаъолияти иҷтимоӣ-иқтисодиро дар бар мегирад, ки мақсади асосии онҳо ҳифзи солимӣ ва ҳаёти инсон, фароҳам овардани ҳуқуқи баробари гирифтани маълумоти миёна, олӣ, кори мувофиқ ва музди кори арзанда, беҳтарсозии сифати шароити манзилӣ ва маишӣ, инчунин, мутобиқ сохтан ба воситаҳои муосири рушди иҷтимоӣ-фарҳангӣ мебошад (саҳ. 30-45).

Муаллиф таҳлилҳои гузаронидашударо ҷамбаст намуда ба хулосае меоянд, ки сатҳ ва сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба даромад ва сатҳи зиндагии аҳоли вобастаги дорад. Ҳаҷми хизматрасониҳои иҷтимоии расонидашаванда, пеш аз ҳама, ба таъминоти беморон, имконияти маҳдуддоштагон, кӯдакон, пиронсолон ва бепарасторон таъсир мерасонад. Ба воситаи расонидани хизматҳои иҷтимоӣ имконият пайдо мегардад, ки нисбатан боадолатона даромадҳо тақсим карда шуда, тафриқаи аҳолӣ аз рӯйи даромад бартараф гардад (саҳ. 49).

Муаллиф дар диссертатсия, ки яке аз соҳаи калидии хизматросонии иҷтимоии соҳаҳои маориф баҳисоб меравад, аҳмияти зиёд додааст. Чунки соҳаи маориф барои баланд бардоштани сифати захираҳои меҳнатӣ равона гардидааст. Маориф дар афзоиши ҳосилнокии меҳнат нақши назаррас дорад. Дар шароити иқтисодиёти гузаранда барои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии устувор қувваи кории баландсифат лозим мебошад, ки маълумоти олӣ ва тайёрии касбӣ дошта бошад. Қувваи кории баландихтисос ҳаҷми ММД, афзоиши сифати маҳсулот ва сарфакорона истифодабарии захираҳоро таъмин менамояд (саҳ. 58).

Дар диссертатсия муаллиф натиҷаи тадқиқотҳои гузоронидаи худ ба хулосае омадааст, ки хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҷамъият мусоидат хоҳанд намуд. Дастрасӣ ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла маориф ва тандурустӣ барои беҳтар гардидани сифати сармояи инсонӣ мусоидат менамояд ва сармояи инсонӣ, дар навбати худ, ин категорияи мураккаби иҷтимоӣ-иқтисодии истеҳсолоти ҷамъиятӣ мебошад, ки мукаммалгардонии он танҳо дар ҳолати рушди динамикии соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ муяссар мегардад (саҳ. 62).

Дар боби дуюми диссертатсия –«**Хусусиятҳои соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ**» таҳлили вазъи соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусиятҳои рушди соҳаи хизматрасонии тандурустӣ дар шароити муосир ва вазъи хизматрасонии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор гирифта, вазъи кунунии соҳаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар ҷумҳурӣ муайян карда шудааст.

Дар ин боби диссертатсия қайд гардидааст, ки рушди муносибатҳои нави иқтисодӣ яке аз самтҳои сиёсати иқтисодии давлат тараққӣ додани соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ва паст намудани сатҳи камбизоатӣ мебошад, ки аз самти иҷтимоӣ-иқтисодии пешгирифтаи сиёсати давлатро барои дурнамо ифода менамояд. Аз ҳолати ин соҳа дар бисёр мавридҳо раванди бозтавлиди захираҳои меҳнатӣ, шумора ва сифати онҳо, сатҳи рушди илмӣ-техникии қувваҳои истеҳсолкунанда ва ғайра муайян мегардад. Муаллиф қайд мекунад, ки соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ барои рушди соҳаҳои истеҳсолӣ аҳамияти назаррасро доро мебошад ва барои рушди муътадили аҳолӣ мусоидат менамояд.

Бо дарназардошти афзоиши шумораи аҳолӣ дар оянда талабот ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ бо суръати баланд афзоиш хоҳад ёфт. Ин ҳолат дар назди давлат ва дигар муассисаҳои расонандаи хизматҳои иҷтимоӣ

вазифа мегузорад, ки суръати рушди хизматрасониҳои иҷтимоиро дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ вусъат бахшанд.

Аз таҳлилҳои матраҳшуда муаллиф ба хулоса меояд, ки рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва сифати хизматрасонӣ ба пастшавии сатҳи камбизоатӣ дар шароити муосир оварда мерасонад. Яке аз омилҳои манфии муайянкунандаи тамоюли муосири рушди соҳаи хизматрасонӣ дар ҷумҳурӣ зиддияти мутақобилаи байни қонунияти рушди соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ, ҷамъият ва хусусиятҳои рушди он дар минтақаҳо мебошад. Зиддияти рушд дар соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар сатҳи давлат муқаррароти муайяни танзимкунандаи соҳаи маориф, тандурустӣ ва фарҳангро дар ҷамъият ба вуҷуд овард (саҳ. 63-77).

Дар параграфи дуюми боби ду хусусиятҳои рушди соҳаи хизматрасонии тандурустӣ дар шароити муосир мариди омӯзиш ва таҳлил қарор додашудааст. Дар айни замон соҳаи тандурустӣ яке аз ҷузъҳои муҳимми соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ мебошад, аммо дар айни замон, нақши афзояндаи хизматрасониҳо дар ҷомеа имконият медиҳад, ки ба соҳаи тандурустӣ чун қисми махсуси бахши хизматрасонӣ таваҷҷуҳ зоҳир намоем.

Хизматҳои тандурустӣ, ба монанди системаҳои дигари хидматрасонӣ, тасаввуроти иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҷамъиятро ба пуррагӣ ифода менамояд. Нишондиҳандаи асосии меъёр бавуҷудоварандаи арзишҳои ҷамъиятӣ ба табиати тандурустӣ таъсир мерасонад. Дар баъзе ҷомеаҳо он афзалиятан ҳамчун неъмати ҷамъиятӣ дониста мешавад, ки аз он тамоми шаҳрвандон ҳангоми гирифтани хизматрасониҳои тиббӣ ё пешгирикунанда метавонанд истифода баранд.

Муаллиф қайд мекунад, ки ҳар қадаре, ки сатҳи зиндагии аҳолӣ беҳтар гардад, тақозои аҳолӣ ба хизматрасониҳои иҷтимоии сифатнок меафзояд, ҳамзамон ҳар қадаре, ки сатҳи камбизоатӣ баланд бошад, ҳамон қадар эҳтиёҷ ба хизматрасониҳои ройгони иҷтимоӣ, ки аз ҷониби муассисаҳои давлатӣ расонидашаванда, меафзояд. Аз ин ҷо чунин қонуниятро ошкор намудан мумкин аст, ки байни ин нишондиҳандаҳо, яъне хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ алоқаи зич вуҷуд дорад (саҳ. 77 - 94).

Муаллиф дар диссертатсия таъкид менамояд, ки соҳаи маориф дар афзоиши ҳосилнокии меҳнат нақши муҳимро иҷро менамояд. Мукаммалгардонии низоми маориф ва хизматрасониҳои соҳаи маориф ҷанбаи муҳимми рушд ва истифодабарии захираҳои инсонӣ ба ҳисоб меравад. Дар шароити муосир барои тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии бомуваффақияти ҷамъият, қувваи кории сифати баланддошта тақозо мегардад, ки дорои сатҳи баланди маълумотнокӣ ва касбият бошад. Сарчашмаи муҳимми рушди иқтисодӣ дар шароити муосир дониш, илм ва маҳорати истифодабарии он ба ҳисоб меравад. Бо мақсади рушди иқтисодии мамлакат дар омодасозии аҳолӣ ҳамчун дорандагони касбияти баланд ва қонеъсозии талаботи ҷамъият вазифаи муҳимро хизматҳои соҳаи маориф иҷро менамоянд.

Чунон ки мушоҳида намудан мумкин аст, соҳаи хизматрасониҳои маориф бо суръати баланд афзоиш ёфта истодааст. Аз як тараф, ин ҳолат зиёд

шудани талаботи истеъмолкунандагонро ба хизматҳои маориф ифода намояд, аз тарафи дигар, бе гирифтани касбу ихтисоси муайян дар шароити иқтисоди бозорӣ дар бозори меҳнат фаъолият намудан мушкил мебошад (саҳ. 94-112).

**Дар боби сеюм – «Роҳҳои баландбардории сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити муосир»** дар заминаи муайянсозии мушкилоти калидии соҳа роҳҳои мукаммалгардонии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити муосир, мукаммалгардонии хизматрасонӣ дар соҳаҳои тандурустӣ ва таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти онҳо пешниҳод гардидаанд.

Рушди босуботи низоми хизматрасонии иҷтимоӣ яке аз ҳадафҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат буда, ба таъмини кафолатноки ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандоне равона шудааст, ки дар ҳолати душвори зиндагӣ қарор доранд.

Дар диссертатсия асоснок карда шудааст, ки соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ яке аз соҳаҳои муҳим барои нигоҳдории фаъолияти зисти аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки худ давлати иҷтимоӣ мебошад, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, такмилдиҳии соҳаҳои калидии расонандаи хизматҳои иҷтимоӣ, яке аз вазифаҳои асосии давлат ба ҳисоб меравад. Ҷиҳати беҳтарсозии соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ низоми қонунгузории соҳа бояд мукаммал гардонида шавад ва барномаҳои мақсаднок барои танзими соҳа ва самаранок истифодабарии хизматрасониҳои иҷтимоӣ бояд роҳандозӣ карда шаванд (саҳ. 113-129).

Дар диссертатсия муаяйн карда шудааст, ки тақозо ба хизматрасониҳои тиббӣ дар шароити муосир на ҳамеша чандир мебошанд. Зеро дар ҳолати пайдо шудани тақозо ба хизматрасониҳои тиббӣ (ба садама дучор гардидан, бемории вазнин, ки ба ҳаёт хатар дорад) бемор ё оилаҳои беморонро нарх кам ташвиш медиҳад, яъне дар ин ҳолатҳо нарх он қадар аҳамият надорад. Муайян карда шуд, ки яке аз ҳуҷҷатҳои зарурии танзими хизматрасониҳои тиббӣ «Барномаи кафолати давлатӣ» мебошад, ки ҳаҷм, шакл ва тарзи расонидани хизматҳои тиббиро ба аҳолӣ муайян менамояд (саҳ. 129-142).

Дар ин боби диссертатсия, ҳамзамон низоми хизматрасонии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ислоҳоти маориф тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ корҳои назаррасе бо мақсади дигаргунсозии низоми маориф ва рушдиояндаи он анҷом дода шудаанд. Ҳамзамон дар замони имрӯза масъалаи муҳим паст будани сифати таҳсилот, аз меъёр зиёд будани захираҳои кадрӣ, паҳн гардидани хизматрасониҳои гаронарзиши пулакии соҳаи маориф, ки барои қисмати зиёди аҳолӣ дастнорас мебошанд, боқӣ мемонад. Дар шароити имрӯза заминаи гузошташуда дар ҳошияи ислоҳоти маориф бояд барои қонеъсозии талаботи аҳолӣ ва кам намудани вазнинии молиявӣ, баландбардории сифат ва дастрасии хизматҳои маориф равона карда шаванд. Гарчанде ки расман таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ройгон мебошад, дар асл аҳолӣ маблағҳои муайянро пардохт менамояд.

Хизматрасониҳои иҷтимоӣ, махсусан хизматрасониҳои иҷтимоии соҳаи тандурустӣ ва маориф дар низоми таҳсилоти олии касбӣ, бояд аз нуқтаи назари баландбардории сифат такмил дода шаванд. Таносуби байни омодасозии кадрҳо ва тақозои бозори меҳнат номувофиқ мебошад, ки боиси зиёд гардидани арзаи қувваи корӣ нисбати тақозои он мегардад. Аз ин рӯ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бояд вобаста ба тақозои бозори меҳнат ва аз рӯйи ихтисосҳои дар бозори меҳнат тақозодошта кадр омода намоянд. Дар самти хизматрасониҳои тиббӣ бояд таваҷҷуҳ ба хизматрасониҳои амбулаторӣ зиёдтар карда шавад (саҳ. 143-157).

Дар хотимаи диссертатсия хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳо дар 11 банд омадааст.

4. **Муҳиммияти хулосаву пешниҳодҳо ва имконияти истифодаи онҳо илм ва амалия.**

Андешаҳои назариявӣ диссертатсия метавон гуфт, ки дар ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ саҳмгузор шудаанд. Масалан, рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сифати зиндагӣ, яъне таваҷҷуҳ ба соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоии тандурустӣ ва соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ асос меёбад.

Аҳамияти амалии натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ аз он иборат аст, хулоса ва тавсияҳои дар тадқиқоти диссертатсионӣ овардашударо дар фаъолияти амалӣ, бахусус дар мавриди таҳияи стратегия ва рушди ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба таври васеъ истифода бурдан мумкин аст. Онҳоро инчунин мақомоти ҳокимияти давлатӣ барои такмили қонунгузорӣ ва таҳияи тадбирҳо дар соҳаи хизматрасонӣ истифода бурда метавонанд. Ба ғайр аз ин, натиҷаҳои тадқиқот дар ҷараёни фаъолияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нав дар ҷодаи коркарди механизмҳои татбиқи барномаҳои соҳавӣ истифода шуданаш мумкин аст.

5. **Арзёбии моҳияти диссертатсия, сатҳи комилии он, камбудиҳо доир ба шаклгирии диссертатсия**

Албатта, тадқиқоти диссертатсионӣ аз нигоҳи ташкилоти тақриздиҳана дорои як қатор носаҳеҳиҳо аст, ки умуман наметавонад сифати илмӣ ва меҳнати илмии муаллифро коста намояд. Камбудиҳои дархости ташкилоти тақриздиҳана чунин аст:

1. Дар руйи хатти адабиётҳои истифодашуда муаллиф 194 адабиётро нишондодааст,аммо дар иқтибосҳои диссертатсия баъзе адабиётҳо нишон дода нашудааст, хуб мешуд диссертант танҳо иқтибосҳои овардашударо дар диссертатсия дар руйи хатти адабиёт ҷойгир менамуд.

2. Дар руйи хатти адабиётхои истифодашуда, руйи хатти санадҳои меъёрию ҳуқуқи ба забони русӣ оварда шудааст, аммо кори диссертатсионӣ бо забони давлатӣ-тоҷикӣ таълиф карда шудааст.

3. Параграфи 1.3 "Нақши соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар рушди иҷтимои-иқтисодии ҷамъият" ба боби 1 "Асосҳои назариявии таҳқиқоти хизматрасонии дар шароити иқтисоди бозорӣ " мувофиқа намекунад, хуб мешуд параграфи 1.3-ро бо чунин унвон номгузори мекарданд "Нақши соҳаи хизматрасонии иҷтимои дар шароити иқтисоди бозорӣ"

4. Дар боби 11 дисертатсия "Хусусиятҳои соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ" "Параграфи 2.3, ки "Вазъи хизматрасонии соҳаи маорифи таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" номгузори шудааст, ба андешаи мо "Вазъи хизматрасонии соҳаи маориф дар низоми таҳсилоти олии касбии мамлакат" номгузори мешуд хуб буд.

5.Дар диссертатсия баъзе мавҳум ва истилоҳҳо нодуруст қайд карда шудааст: масалан дар саҳифаҳои 10,13 ва 124 " соҳаи маорифи таҳсилоти олии касбӣ"; дар саҳифаи 59 "Ташкилоти байналхалқии тандурустӣ"; саҳифаи 31 "гузоштани дандон"; дар саҳифаҳои 11, 12, 13, 14, 29, 61, 77, 149, 151, 152, 156,159 "маорифи таҳсилоти олии касби" истилоҳи забони намебошад. Ҳаминтавр иқтибосҳои овардашудаи диссертатсия мувофиқи талаботи низомнома ва ҳуҷҷатҳои расмии тавсиякардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон намебошад.

6. Дар саҳифаи 69 рақамҳои омори дар диссертатсия нишондодашуда, таҳлили илмӣ надорад ва манбаи онҳо низ дарҷ нагардидааст. Мисол саҳ 69 ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ аз рӯйи ҳамаи самтҳои хизматрасонӣ.... агар аз ягон манбаъ гирифта шудабошад, онро муаллиф бояд нишон медод.

7. Дар саҳифаи 71 ақидаи доктори илмҳои иқтисоди профессор Умаров Ҳ.У.қайд карда шудааст,аммо иқтибос оварда нашудааст.Ғайр аз он дар саҳифаи 146 ақидаи Н.У.Қурбонов оварда шудааст,вале иқтибос оварда нашудааст ва муайян нест ин шахс кист,ному насаби Н.У.Қурбонов дар руйи хаттӣ адабиётҳо дарҷ нагардидааст.

8. Дар диссертатсия баъзе хатогиҳои имлоӣ ва услубӣ ба назар мерасанд. Камбудиҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, сатҳи баланди иҷроиши таҳқиқот ва аҳамияти амаливу назариявии диссертатсияро кам намегардонанд. Диссертатсия аз лиҳози мантиқ ва забонӣ (имлоӣ) бори дигар таҳрири ҷидди мехоҳад. Ин норасоиҳо ҷузъӣ буда, арзиши диссертатсияро паст намекунанд ваислоҳшаванда мебошанд.

Аммо эроду дархостҳое, ки дар боло зикр шудаанд, сатҳи назариявию амалии тадқиқоти диссертатсионии Саидова Ҳисния Маҳмадулоевнаро коҳиш намедиҳад. Дар кулл диссертатсияро метавон гуфт, ки тадқиқоти ба итмомрасидааст, мустақилияти муаллиф дар тадқиқот бурдан эҳсос мешавад.

## 6. Тасдиқи ифодаи натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ дар нашриҳои илмӣ

Асарҳои интишоршудаи муаллиф иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷой доштаро дар худ инъикос намудаанд.

Аз рӯи натиҷаҳои тадқиқот 18 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми 6,3 ҷ.ш.ч, аз он ҷумла 8 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои аз тарафи КОА эътироф шуда, чоп карда шудаанд. Натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалӣ, семинарҳои дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба тариқи маърӯзаҳои илмӣ баён шуда буданд.

**7. Мутобиқати мазмуни автореферат бо мазмуни диссертасия**

Автореферати диссертасия мазмуни асосии тадқиқоти диссертатсиониро дар худ инъикос намудааст ва дар он навгониҳои илмӣ, ки ба ҳимоя бароварда мешавад ҷой гирифтааст.

Аз нигоҳи мазмуни илмӣ ва шакли баён диссертатсия дар мавзӯи «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ», бешубҳа кори илмиву тахассусӣ буда, дар он ҳалли муаммои илмӣ, ки аҳамияти муҳимму афзалиятнокро дар рушди илми иқтисоди ватанӣ доро аст, комилан бо талаботи Низомномаи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй аст. Аз ин лиҳоз муаллифи он Саидова Ҳисния Маҳмадулоевна сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.01 - Назарияи иқтисодӣ мебошад.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда дар маҷлиси кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ баррасӣ ва тасдиқ шудааст. Дар ҷаласа устодони иштирок намуда, 12 нафар овоз доданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" – 12 нафар, "бетараф"- нест, "муқобил" – нест. Протоколи № 9 аз 31 марти соли 2021.

**Раиси ҷаласа, мудири кафедра,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Аюбов Д.М.**

**Ташхисгар, номзади илмҳои иқтисодӣ**
**профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ** **Азизов Ш.С.**

**Котиби ҷаласаи кафедра**
**муаллими калони кафедра** **Амаков И.Б.**

**Имзои Д.М.Аюбов, Ш.С.Азизов,**
**И.Б.Амаковро тасдиқ мекунам.**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси ДДОТ ба номи С.Айнӣ** **Назаров Д.Қ.**

Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.
Тел.+992(37) 224 13 83, E-mail:tgpu@mail.ru, www.tgpu@ mail.ru